«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и., дотсент,
_______________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«10» _____04_____ соли 2023

# ПРОТОКОЛИ

**Муассисаи давлатии таълимии**
**«Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон»**
**ба диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)**

**Рӯзнома:** Баррасии таҳқиқоти диссертатсионии номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи система ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)

**Диссертатсия** дар кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Мушовирони илмӣ** – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Комилиён Файзалӣ Саъдулло ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Шаропов Фарҳод Разоқович.

**Дар ҷаласаи васеъ ва муштараки** кафедраҳои «Система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт», «Информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт», «Иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ» ва «Иқтисоди рақамӣ ва

логистика»-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва мутахассисону олимони аз дигар донишгоҳҳо даъватшуда аз 07 апрели соли 2023, протоколи №04/1 **иштирок доштанд:** Фақеров Ҳ.Н. – д.и.и., профессор; Комилиён Ф.С. – д.и.ф.м., профессор; Мирсаидов С.А. – д.и.и., профессор; Ҷонмамадов Ш.Б. – д.и.и., профессор; Ҷӯрабоев Ғ.Ч. – д.и.и., профессор; Мирзоев С.Ҳ. – д.и.т., дотсент; Файзализода Б.Ф. – д.и.п., дотсент; Сафаров Б.Г. – н.и.и., дотсент; Темурбекова С.Д. – н.и.и., дотсент; Қосимов И.Л. – н.и.т., дотсент; Ашуров М.Н. – н.и.и., дотсент; Раҳимов Ф.С. – н.и.и., дотсент; Соҳибов Ф.Ҳ. – н.и.и., дотсент; Аламшоева М.М. – н.и.и., дотсент; Нуриддинов С.З. – н.и.и., дотсент; Раҳмонзода М.Н. – н.и.и., дотсент; Ғафуров П.Ҷ. – н.и.и., дотсент; Ҷалилов Х. – н.и.ф.м., дотсент; Фарайдунов О.Қ. – н.и.ф.м., дотсент; Ҳалимов И.И. – н.и.ф.м., омӯзгори калон; Қурбонов М.А. – н.и.и., дотсент; Саидов И.М. – н.и.т., дотсент; Наимов Н.И. – н.и.ф.м., дотсент; Одинаев А.Ҳ. – н.и.ф.м., дотсент; Фозилова Д.М. – н.и.ф.м., дотсент; Гадоев А.Ф. – н.и.и., дотсент; Урунбаева Н.А. – н.и.и., дотсент; Турахонзода Ш.Н. – доктори фалсафа (PHD), омӯзгори калон; Ҳасанзода Я. – доктори фалсафа (PHD), омӯзгори калон; Давлатов Р.Ҷ. – н.и.п., омӯзгори калон; Шамсов Ф.Т. – н.и.т., дотсент; Мирзоабдуғафуров К.И. – н.и.ф.м., дотсент; Тағоев Ш.Х. – н.и.п., дотсент; Гулов А.Б. – н.и.и., омӯзгори калон; Хушмаҳмадзода З. – омӯзгори калон; Исвалиев Б.Ҷ. – омӯзгори калон; Фезалиев А.С. – омӯзгори калон; Саъдонов А.Ғ. – омӯзгори калон; Нурублоева М.М. – омӯзгори калон; Ғафуров Ф.Ҷ. – ассистент; Ҳалимова У.О. – ассистент; Гулсунбии Музаффархон – ассистент; Юсупова Ҳ.Ҳ. – ассистент; Назарова Н.Н. – ассистент; Саидова С.А. – ассистент; Ҳамзаев Т.С. – ассистент; Бахтоваршоҳи Асомуддин – ассистент; Давлатов Б.С. – ассистент; Расулзода Ҳ.М. – ассистент; Исайнова М.Ҳ. – ассистент; Файзуллоев Ҳ.П. – ассистент; Каримов У.М. – ассистент; Мавлонзода С.Ҳ. – ассистент; Файзуллоев Ф. – ассистент; Солиҳзода Д.И. – ассистент, ҳамагӣ 60 нафар.

**Раиси ҷаласа:** муовини ректори ДДМИТ оид ба илм ва инноватсия, н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г.

**Котиби ҷаласа:** мудири кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт, н.и.и., дотсент Ашуров М.Н.

**Экспертони муқаддамотии муассиса:**

1) Д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти гумрукии ДДМИТ Мирсаидов С.А. (тақризи мусбат).

2) Д.и.и., профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии ДДМИТ Ҷонмамадов Ш.Б. (тақризи мусбат).

3) Д.и.и., профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ Фақеров Ҳ.Н. (тақризи мусбат).

**Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:** Раҳмонзода Зоир Файзалӣ соли 2003 шуъбаи рӯзонаи факултети соҳибкорӣ ва менеҷменти Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизматро (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) аз рӯи ихтисоси «Системаҳои ахборотӣ

дар иқтисодиёт» хатм намудааст. Диссертатсияи номзадиашро соли 2011 дар мавзуи «Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Социально-экономические аспекты внедрения информационных технологий в сфере высшего профессионального образования Республики Таджикистан) таҳти роҳбарии д.и.ф.м., профессор Комилиён Ф.С. ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади иқтисодӣ гардидааст.

Аз соли 2011 то ин ҷониб дар баробари иҷрои корҳои гуногуни роҳбарӣ, давлатӣ ва ҷамъиятӣ фаъолияти илмию педагогиро қатъ накарда, дар доираи мавзӯи нави ба идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ бахшидашуда пажуҳишу таҳқиқотро идома додааст.

Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2019, № 8 соҳиби унвони илмии дотсент гардидаст.

Бо қарори Шурои олимони ДДМИТ аз 17.02.2017, №3 мавзуи диссертатсияи доктории Раҳмонзода З.Ф. ба расмиёт даровада шуда, бо қарори шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон №8/4.10 аз 31.03.2023 ба номи мавзуъ ва мушовирон тағйирот ворид гардида, мавзуи диссертатсия ба “Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)” иваз карда шуда, докторони илм: д.и.ф.м., профессор Комилиён Ф.С. ва д.и.и., дотсент Шаропов Ф.Р. ба ҳайси мушовирони илмӣ таъин карда шуданд.

Тибқи банди 13 «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) ва банди 14 «Тартиби додани розигӣ ба шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ барои таълиф ва ҳимояи диссертатсия» (Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2021, № АП-98) барои ҷамъбасти ниҳоии натиҷаҳои илмӣ ва ҳимояи диссертатсияи докторӣ 20 январи соли 2023 бо ариза ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намудааст. Розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳимояи рисолаи доктории Раҳмонзода З.Ф. аз 22 майи соли 2023 гирифта шудааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун дотсенти кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда, аз фанҳои информатика, забонҳои барномарезӣ, тархрезӣ (амсиласозӣ), технологияҳои информатсионӣ, технологияҳои информатсионӣ дар иқтисодиёт, системаҳои информатсионӣ дар иқтисодиёт, шабакаҳои компютерӣ, графикаи компютерӣ, технологияи чандрасонаӣ, татбиқи барномаҳои амалӣ

дар иқтисодиёт ва ғайра ба донишҷӯёну аспиратон лексия хонда, машғулиятҳои амалию лабораторӣ бурдааст.

**Шунида шуд:** Маърӯзаи Раҳмонзода З.Ф. вобаста ба диссертатсияи ӯ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)».

Докторант натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмиашро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Аз рӯйи маърӯза иштирокчиёни ҷаласа чунин саволҳо дода, ҷавобҳои мувофиқ гирифтанд.

## САВОЛҲОИ ДОДАШУДА

**Саволи д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н.**

***Савол:*** *То таҳқиқоти Шумо дар ин самт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом муҳақиқон кор кардаанд?*

***Ҷавоб ба савол:*** Кӯшишҳои олимони тоҷики соҳаҳои иқтисодиёт, информатика, математика ва педагогика З.Ҷ. Усмонов, Ф.С. Комилиён, Ф. Мирзоахмедов, Ҳ.Н. Фақеров, М.Қ. Юнусӣ, Ғ.Ҷ. Ҷӯрабоев, Ҳ.А. Одинаев, Р.К. Раҷабов, Ш.М. Раҳимзода, А.Л. Қодиров, С.Ҷ. Комилов, С. Ҳабибов, М.Қ. Файзуллозода, Ф.Р. Шаропов, А. Рауфӣ, З.Ҳ. Қодирова, М.Ҳ. Саидова, И.Х. Каримова, Ф.Ф. Шарипов, Б.Ф. Файзализода, А.Р. Мирзоев, Р.Ҷ. Давлатов, Ш.Х. Тағоев ва дигарон дар ҷустуҷӯи роҳҳои такмили низоми маорифи мамлакат, дарки табиати иҷтимоии таҳсилоти олии касбӣ, беҳдошти сифати хизматрасониҳои таълимӣ, рушд ва татбиқи хизматрасониҳои электронӣ, омодосозии омӯзгорону мутахассисон барои компютерикунонии равандҳои таълиму тарбия ва истифодаи васеи технологияҳои иттилоотии муосир дар раванди таълим ва бунёди асосҳои методологии он хеле назаррасанд.

Дар айни ҳол, ба сершуморӣ, муҳимият ва гуногунсамтии асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ нигоҳ накарда, дар шароити кунунӣ як зумра ҷанбаҳои мушкилоти идоракунии низоми хизматрасониҳои таълимӣ ва беҳдошти сифати идоракунии онҳо бо истифода аз усулҳои ҳозиразамон амику пурра таҳқик ва ҳал карда нашудаанд. Омӯзиш ва таҳқиқи роҳҳои татбиқ ва беҳдошти самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии таҳсилот дар мактаби олӣ низ хеле муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Фарқи асосии таҳқиқоти мазкур аз таҳқиқотҳои дигар олимон дар он зоҳир гаштааст, ки дар ин ҷо таваҷҷуҳ маҳз ба нақш ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар баланд бардоштани сифати идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ нигаронида шудааст.

**Саволи д.и.и., профессор Ҷонмамадов Ш.Б.**

***Савол:*** *Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионии Шумо аз чӣ иборат аст?*

***Ҷавоб:*** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи маориф ва пешниҳодоти тавсияҳои мушаххас оид ба асосноккунии самтҳои асосии баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ бар пояи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ иборат мебошад.

**Саволи д.и.и., профессор Ш. Раҳимзода**

***Савол:*** *Шумо вазифаҳои таҳқиқотиро чӣ гуна муайян кардаед ва онҳо ба ҳалли кадом масъалаҳо равона гардидаанд?*

***Ҷавоб:*** Вазифаҳои таҳқиқот, ки 10 бандро дар бар мегиранд, тибқи мавзуъ ва мақсади таҳқиқот муайян шуда, зарурати ҷорисозии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таҳсилотиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили таъминкунанда ва болобарандаи рақобатпазирии хатмкунандагони онҳо дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва худи мактабҳои олӣ арзёбӣ мекунанд.

**Саволҳои д.и.п., дотсент Файзализода Б.Ф.**

***Саволи 1:*** *Оё таҳқиқоти Шумо шакли таҳсили фосилавиро низ дар бар мегирад? Агар дар бар гирад, гӯед, ки шакли таҳсили фосилавии дар донишгоҳҳои муосири ҷумҳурии мо амалкунанда аз ҳамин гуна шакли таҳсили дар донишкадаи қадимаи Берлин (ҳоло донишгоҳи Болония) бавуҷудомада чӣ фарқ дорад?*

***Ҷавоб ба саволи якум:*** Донишкадаи Берлин, ки соли 1855 таъсис ёфтааст, дар он асосан шакли ғоибонаи таҳсили донишҷӯён ба роҳ монда шуда, хеле рушд ёфта буд. Дар он тамоми маводҳои таълимӣ, тавсияҳои методӣ, супоришҳои инфиродӣ, корҳои санҷишӣ ва матни саволу ҷавобҳои байни донишҷӯёну омӯзгорон тавассути почтаи муқаррарӣ фиристода, қабул карда мешуд. Дар донишгоҳҳои имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, шакли таҳсили фосилавӣ аз тариқи фосила, тавассути имкониятҳои шабакаи Интернет сурат мегирад.

***Саволи 2:*** *Шумо дар кори худ амсилаи Рашаро чӣ тавр истифода бурдаед?*

***Ҷавоб ба саволи дуюм:*** Дар тестгузарониҳои муосир дараҷаи душвории супоришҳо ва сатҳи тайёрии донишҷӯён бо ёрии амсилаҳои Раша ва Бирнбаум муайян карда мешаванд. Тавассути амсилаи якпараметраю дихотомии Раша алоқамандии одии байни дараҷаи қобилиятҳои донишҷӯён – $S$ ва сатҳи мураккабии супоришҳои тестӣ – $t$ барқарор карда шуда, тавсифи дараҷаи қобилиятҳои онҳо аз рӯйи матритса дар шакли ададӣ ифода карда мешавад:

$$S = \frac{p}{q}; \quad t = \frac{1-p}{p}.$$

Дар ин формулаҳо $p$ – эҳтимолияти он аст, ки донишҷӯи дорои дараҷаи қобилияти $S$ ба супориши сатҳи душвориаш $t$ ҷавоби дуруст ва $q$ –

эҳтимолияти он аст, ки ӯ ба ин супориш ҷавоби нодуруст пешниҳод мекунад.

**Саволи д.и.т., дотсент Мирзоев С.Ҳ.**

***Савол:*** *Амсилаҳои математикии Раша ва Бирнбаум аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд ва дар корҳои иқтисодию педагогии Шумо чӣ тавр татбиқ шудаанд?*

***Ҷавоб ба савол:*** Тавре дар яке аз саволҳои доктори илмҳои педагогӣ Б.Ф. Файзализода низ тақрибан ҳамин чиз садо дод ва ман ҷавоб гардонидам, такроран иброз медорам, ки бо ёрии амсилаҳои математикии Раша ва Бирнбаум дараҷаи душвории супоришҳои тестӣ ва сатҳи омодагии донишҷӯён ба санҷиш ё имтиҳони тестӣ муайян карда мешавад, ки барои масъалаи баландбардорӣ ва идоракунии сифати таҳсилот ин тарзи санҷиши дониш хеле муҳим ва созгор мебошад.

Бо истифода аз амсилаи математикии Георг Раша баҳодиҳии дараҷаи омодагии донишҷӯро аз баҳодиҳии дараҷаи мураккабии супориш ҷудо кардан мумкин аст. Аммо, ҳангоми дар тест ҷой доштани супоришҳои тафриқасоз, ки тавассути онҳо аз рӯйи дараҷаи тайёрии донишҷӯ сатҳи заифӣ ё қавигии дониши онро ошкор сохтан мумкин бошад, амсилаи якпараметраи Георг Раша татбиқ шуда наметавонад. Масъалаи мазкур бо роҳи ворид сохтани боз як параметри дигар аз тарафи Арвед Бирнбаум ҳал карда шудааст. Инчунин, бо мақсади ба маълумоти таҷрибавӣ пурратар мувофиқ гардонидани амсилаи математикии худ, Бирнбаум ба он боз як параметри дигар – коэффитсиенти пайбарӣ ё тахминкунии донишҷӯро илова кардааст. Ба ғайр аз амсилаҳои мазкур инчунин ҳангоми тестгузарониҳои муосир аз амсилаи ба ном чорпараметра низ истифода мебаранд, ки дар он параметри бедиққатии донишҷӯ ворид карда шудааст. Аммо ҳисоб кардани қимати ҳамаи параметрҳои амсилаи чорпараметра кори бисёр мушкил аст.

**Саволи н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г.**

***Савол:*** *Навгониҳои илмии таҳқиқоти Шумо дар чист?*

**Ҷавоб ба савол:** Навгониҳои илмии таҳқиқот дар 9 банд гирд оварда шудаанд. Хулосаи онҳо аз он иборат аст, ки дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи назария ва амалияи муосири раванди ташаккулёбии низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ бори нахуст дар шароити иқтисодиёти бозорӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дар шакли мукаммал тамоюлҳои рушд ва самтҳои такмили идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ муайян карда шуда, афзорҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ, таҳқиқӣ ва идоракуние, ки татбиқи афзалиятноки механизмҳои таъмини сифати хизматрасониҳои таълимиро дар асоси худтанзимкунӣ кафолат медиҳанд, таҳия карда шудаанд.

**Саволи н.и.и., дотсент Темурбекова С.Д.**

***Савол:*** *Барои боло бурдани сифати таҳсилот дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ дар таҳқиқоти Шумо кадом тавсияҳои илмию методӣ кор карда баромада шудаанд?*

**Ҷавоб ба савол:** Барои боло бурдани сифати таҳсилот дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ бо назардошти такмили сохтори идоракунии низоми таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи беҳтаргардонии усулҳои истифодаи захираҳои иттилоотӣ, таҳияи амсилаи оптимизатсионии истифодаи ин захираҳо, пешниҳоди вариантҳои рушди соҳаи таҳсилот, ҳисоббарориҳои дурнамои рушди соҳаи хизматрасонии таълимӣ, ҳисобкунии самаранокии иқтисодӣ аз татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ғайра дар диссертатсия 15 тавсияи илмию методӣ пешниҳод шудааст.

**Мушовирони илмӣ** – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Комилиён Файзалӣ Саъдулло ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Шаропов Фарҳод Разоқович бо тақризҳои худ баромад намуданд.

## МУҲОКИМА ВА МУЛОҲИЗАҲО

**Мушовири илмӣ, д.и.ф.м., профессор Ф.С. Комилиён:** Муаллифи диссертатсия Раҳмонзода Зоир Файзалӣ аввал ба ҳайси аспирант, баъд унвонҷӯ-докторанти кафедраи Система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз соли 2017 то инҷониб тибқи нақша ва мавзӯи тасдиқгардида ба пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул аст. Довталаб диссертатсияи номзадии худро низ таҳти роҳбарии ман иҷро кардааст.

Бояд зикр намуд, ки гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот зарурати истифодаи усулҳои фаъоли омӯзиш, методҳои нави таълиму тарбия, донистану татбиқ кардани техникаи компютерӣ, технологияҳои муосири иттилоотӣ, меъёрҳои салоҳиятнокии касбӣ ва дар ин замина боло бурдани сифати таҳсилотро тақозо менамояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкури довталаб ба ҳалли ин масъалаҳо бахшида шудаанд. Дар ин шароит муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки бо истифода аз технологияҳои гуногуни таълимӣ, хоса технологияҳои инноватсионӣ, амсилаҳои гуногуни омодасозии мутахассисонро коркард ва ҷорӣ намоянд.

Навгонии илмии асосии таҳқиқоти анҷомдодаи докторант-унвонҷӯ аз он иборат аст, ки дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи назария ва амалияи муосири раванди ташаккулёбии низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ бори нахуст дар шароити иқтисодиёти бозорӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дар шакли мукаммал тамоюлҳои рушд ва самтҳои такмили идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ муайян карда шуда, афзорҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ, таҳқиқӣ ва идоракуние, ки татбиқи афзалиятноки механизмҳои таъмини сифати хизматрасониҳои таълимиро дар асоси худтанзимкунӣ кафолат медиҳанд, таҳия карда шудаанд. Арзёбии сифати раванди таҳсилот аз лиҳози ҳамгироии унсурҳои натиҷа, сифат ва самаранокии таҳсилот, таъсири маҷмуи омилҳои беруна ва

дохилӣ ва зарурати ташаккулёбии бозори мукаммали хизматрасониҳои таҳсилотии электронӣ бо назардошти мавқеи иштирокчиёни асосии раванди таълим иҷро карда шудааст.

Фарқи асосии таҳқиқоти мазкур аз таҳқиқотҳои дигар олимон дар он зоҳир гаштааст, ки дар ин ҷо таваҷҷуҳ маҳз ба нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар баланд бардоштани низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ бо усулҳои амсиласозӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ нигаронида шудааст.

Диссертатсияи З.Ф. Раҳмонзода кори баитмомрасидаи мукаммали илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф дорои сифатҳои баланди касбӣ буда, метавонад аз рӯйи соҳаи таҳқиқоти илмии худ масъалаҳои илмӣ-таҳлилӣ гузорад, онҳоро ҳал намояд ва ба тарбияи кадрҳои илмӣ машғул шавад. Дар маҷмӯъ З.Ф. Раҳмонзодаро метавон ҳамчун корманди илмӣ-педагогии комилан ташаккулёфта ва ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ сазоворбуда тавсиф кард.

Дар ин радиф меҳисобам, ки диссертатсияи З.Ф. Раҳмонзодаро ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст ва худи муаллиф бешубҳа сазовори дараҷаи илмии матлуб мебошад.

**Эксперти якум – д.и.и., профессор С.А. Мирсаидов:** Ман диссертатсия ва автореферати З.Ф. Раҳмонзодаро хондам ва мазмуну муҳтаво, хоса забони равони тоҷикии онҳо ба ман бисёр маъқул шуд. Андешаҳои худро ман ба таври хаттӣ дар тақризам баён карда, ба кафедра пешниҳод намудам, ки мазмуни мухтасари онҳо чунин аст:

Иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат ба он вобаста аст, ки корҳои илмии анҷомёбанда дар кадом сатҳ ба ҳалли масъалаҳои мубрами кишвар равона мегарданд. Амалигардонии ин ҳадафҳоро бе истифодаи усулҳои муосири илмӣ, бахусус муносибатҳои умумиилмӣ, усулҳои консептуалӣ, амсиласозиҳои математикӣ ва компютерӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ин робита мавзуи таҳқиқотии З.Ф. Раҳмонзода ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи ӯ, ки фарогири масъалаҳои сифати таҳсилот ва идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ мебошанд, метавонанд дар ҳалли масъалаҳои мазкур таъсиргузор бошанд.

Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ (61 интишорот) бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Ҳамчун узви шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод мекунам, ки диссертатсияи З.Ф. Раҳмонзода ба шӯрои диссертатсионии назди донишгоҳамон аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 –

Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) ба ҳимоя пешниҳод карда шавад. Худи муаллиф бошад бешубҳа сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои мазкур мебошад.

**Эксперти дуюм – д.и.и., профессор Ш.Б. Ҷонмамадов:** Бояд зикр намуд, ки мавзӯи таҳқиқотии Раҳмонзода З.Ф. ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи ӯ метавонанд дар ҳалли масъалаҳои «Барномаи ҳукумати электронӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» таъсиргузор бошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ дар бораи баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимии кишвар андешаронӣ намуда буд. Воқеан, диссертатсияи мазкур маҳз ба ҳалли ҳамин масъала бахшида шудааст. Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия бошад ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисосҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ҶТ ба нашр расонидаи довталаб ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ аст. Автореферат мазмуну муҳтавои дисертатсияро пурра инъикос менамояд. Таҳқиқоти диссертатсионии З.Ф. Раҳмонзода кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ аст ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Ман низ тарафдорам, ки диссертатсия дар шӯрои диссертатсионии назди ДДМИТ ба ҳимоя қабул карда шавад.

**Эксперти сеюм – д.и.и., профессор Ш. Раҳимзода:**

Дар Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳадафҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотонӣ муайян шудаанд. Дар ин санад раванди иттилоотонӣ ҳамчун самти наву муҳими стратегии фаъолияти давлатӣ арзёбӣ гардидааст. Дар он ҳамчунин муқаррар гардидааст, ки давлат дар соҳаи иттилоотонӣ бояд сиёсати ягонаи илмӣ-техникӣ ва саноатиро ба роҳ монад. Дар ин робита мавзӯи таҳқиқотии З.Ф. Раҳмонзода ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи ӯ, ки фарогири масъалаҳои сифати таҳсилот, идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ бо усулҳои амсиласозӣ мебошанд, метавонанд дар ҳалли масъалаҳои мазкур мусоидат намоянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илму маориф як қатор барномаҳои рушд додани фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзиро қабул кардааст, ки амалигардонии онҳо бешубҳа аҳамият ва мубрамияти мавзӯи таҳқиқотии мазкурро боло мебарад. Дар шароити муосири зуд тағйирёбандаи раванди иттилоотонии ҷомеа ҳалли амалии ин барномаҳо ба татбиқи технологияҳои иттилоотиву

коммуникатсионӣ ва истифодаи васеи техникаи компютерии муосиру системаҳои шабакавӣ вобастагӣ дорад.

Фикр мекунам, ки мавзӯъ ва мазмуни диссертатсияи доктории З.Ф. Раҳмонзода «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисосҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» аст ва худи муаллифи диссертатсия сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои мазкур мебошад.

## ХУЛОСАИ ЭКСПЕРТҲО

1. Диссертатсияи доктории З.Ф. Раҳмонзода дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» кори баитмомрасидаи мустақили илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ буда, тибқи талабот ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, № 267) омода гардидааст.

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи назария ва амалияи муосири раванди ташаккулёбии низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ бори нахуст дар шароити иқтисодиёти бозорӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дар шакли мукаммал тамоюлҳои рушд ва самтҳои такмили идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ муайян карда шуда, афзорҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ, таҳқиқӣ ва идоракуние, ки татбиқи афзалиятноки механизмҳои таъмини сифати хизматрасониҳои таълимиро дар асоси худтанзимкунӣ кафолат медиҳанд, таҳия карда шудаанд.

3. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои назариявӣ ва амалии илми иқтисодиётро такмил медиҳанд ва ба рушди сифати таҳсилот, ки дар ҷумҳурии мо мубрамияти он баръало эҳсос мегардад, муътамадона мусоидат менамоянд.

4. Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб эътимоднок буда, хулосаву тавсияҳои диссертатсионии ӯ асоснок мебошанд. Таҳқиқот дар заминаи маҷмӯи калони маълумоти таҷрибавӣ ва озмоишҳои компютерӣ анҷом ёфта, ҳадафҳои гузошташуда ба нишон расидаанд. Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар асоси методологияи диди системавӣ ва консепсияи илмии ташхиси компютерӣ шакл гирифта, тавассути технологияҳои амсиласозии математикӣ ва баргузории озмоишҳои компютерӣ ба даст омадаанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада бар пояи усулҳои замонавӣ ва санҷидашудаи иқтисодию математикӣ, миқдори кифояи

таҷрибаҳои компютерӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, экспериментҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, мизҳои мудаввар ва нашри маводи илмии таҳқиқот пойбарҷо мебошанд.

6. Диссертатсияро аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) тавсия дода, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

*д.и.и., профессор С.А. Мирсаидов*
*д.и.и., профессор Ш.Б. Ҷонмамадов*
*д.и.и., профессор Ш. Раҳимзода*

**Д.и.т., дотсенти ДМТ С.Ҳ. Мирзоев:** Ман бо фикри экспертони муқаддамотии диссертатсия комилан розиам. Таҳқиқот ба ҳалли ҳадафҳои асосии системаи маорифи мамлакат роҷеъ ба роҳандозии сифати таҳсилот дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бахшида шудааст. Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсияи З.Ф. Раҳмонзода ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 аст. Аз ин рӯ, ман низ пешниҳод дорам, ки диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

**Д.и.и., профессори ДДМИТ Ҳ.Н. Фақеров:** Ба назари ман фарқи асосии таҳқиқоти З.Ф. Раҳмонзода аз таҳқиқотҳои дигар олимон дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсияи мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар баланд бардоштани сифати идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ бо усулҳои амсиласозӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ нигаронида шудааст. Маърӯзаи довталаб дар сатҳи баланд пешкаш карда шуд ва мо ба саволҳои зарурии худ ҷавобҳои муфассал гирифтем. Зоир Раҳмонзода ба ғайр аз муҳаққиқи хуб будан, инчунин омӯзгори асил низ ҳаст, ки мо инро зимни ҳамкорӣ бо ӯ хеле хуб эҳсос кардем. Аз ин рӯ, ман низ бо фикри экспертони муқаддамотии диссертатсия розиам. Диссертатсияи мазкурро, ки ҷавобгӯ ба меъёрҳои ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 барои қабул пешниҳод кардан мумкин аст. Худи муаллиф бешубҳа сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисосҳои мазкур мебошад.

**Д.и.п., дотсенти ДДБ Б.Ф. Файзализода:** Ман бо таҳқиқҳои илмии Зоир Раҳмонзода дер боз шиносам, онҳоро доимо таҳти назар дорам, мутолиа мекунам ва аз ҳар як пешравии ӯ хушҳол мегардам. Худи довталаб муҳаққиқи серғайрат буда, натиҷаҳои таҳқиқотиаш тозаву нав ба нав ва хеле боварибахшанд. Зоир Раҳмонзода кайҳо ба сатҳу дараҷаи доктори илм расидааст. Ман бо фикри мушовирони илмӣ, экспертони муқаддамотӣ ва дигар баромадкардагон пурра розиам, ки диссертатсия дар шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 ба ҳимоя қабул карда шавад. Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсияи мазкур, ки ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад, метавонад ба ҳалли ин мушкилоти сифати таҳсилот роҳнамоӣ намояд. Худи З.Ф. Раҳмонзода бошад, бешубҳа, сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисосҳои номбаршуда аст.

## ХУЛОСАИ ҶАЛАСА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот:** Дар консепсияҳои иқтисоди рақамӣ ва таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи гузаштан ба таҳсилоти рақамӣ ҳамчун ба таъмини сифати баланди таҳсилот тавассути васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ маънидод гардидааст, ки он бо тағйир додани шаклу усулҳои таълим, сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва дар ин замина баланд бардоштани эътирофи низоми миллии маориф ва зиёд намудани содироти хизматрасониҳои таълимӣ дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонии меҳнат ба даст оварда мешавад. Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда дар соҳаи рушди неруи инсонӣ бояд низоми маорифи мамлакат мутобиқи таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ навсозӣ карда шавад. Тибқи талаботи иқтисоди рақамӣ таҳсилоти рақамӣ бояд пеш аз ҳама бо таваҷҷуҳ ба малакаи таҳлили иттилоот ва рушди мафкураи эҷодӣ ҷавобгӯ гардонида шавад. Зеро ташаккули иқтисоди рақамӣ, ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ, ба истифодаи васеи иттилоот (маълумот) асос ёфтааст, ки он мавзуи мустақими илми информатикаи иқтисодӣ мебошад. Гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот зарурати такмили стандартҳои давлатии таҳсилот, коркарди нақшаҳо ва барномаҳои нави таълимӣ, таҷдиди назари мазмуну мундариҷаи ихтисосҳо, болобарии фаъолнокии донишҷӯён, татбиқи инноватсия дар омӯзиш, идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва пайвастани илму дониш бо истеҳсолот масъалаҳои бебаҳсро мемонад. Амалишавии ин тадбирҳо метавонад низоми маорифи мамлакат, алалхусус мактабҳои олии кишварро ба фазои таҳсилоти ягонаи ҷаҳонӣ ҳарчи зудтар ворид созанд. Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ низ ба ҳалли масъалаҳои зикршуда вобаста мебошад.

**Ҳадафи таҳқиқот** аз такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи маориф ва пешниҳодоти тавсияҳои мушаххас оид ба

асосноккунии самтҳои асосии беҳдошти сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ иборат мебошад.

**Объекти таҳқиқот** низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки дар раванди ташаккулёбии низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ дар мактабҳои олӣ ва беҳдошти сифати онҳо бар пояи технологияҳои иттилоотӣ ба миён омадаанд.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро** чор муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ДДТТ), Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ), Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ) ва Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ДБССТ) ташкил додаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои асосии диссертатсия дар истеҳсолоти низоми таҳсилотии донишгоҳҳои мазкур дар замимаҳои 1-4 оварда шудаанд.

**Масъалаҳои таҳқиқот** тибқи мавзуъ ва мақсади таҳқиқот муайян шуда, зарурати ҷорисозии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили таъминкунанда ва болобарандаи рақобатпазирии хатмкунандагони онҳо ва худи мактабҳои олӣ арзёбӣ мекунанд.

Мутобиқи мақсади таҳқиқот дар диссертатсия ***масъалаҳои зерин*** ҳал карда шудаанд:

– таҳқиқи асосҳои илмию назариявии рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ;

– таҳқиқи категорияи «сифати хизматрасониҳои таълимӣ» (СХТ) аз нуқтаи назари иқтисодӣ, муайянкунии принсипҳо, заминаҳо ва механизмҳои ташаккули низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ;

– дақиқ сохтани зарурат, хусусиятҳои умумӣ ва марҳилаҳои асосии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ;

– таҳқиқи ҷанбаҳои методологии идоракунии умумии сифат (TQM) дар баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ, таснифи омилҳои ба низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ таъсиррасон;

– ошкорсозии тамоюлҳои рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ ва самтҳои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои олии Тоҷикистон;

– таҳлил ва арзёбии ваъзи муосири сатҳу сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ;

– таҳияи амсилаҳои консептуалии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо мақсади рушд додани низоми таҳсилоти мазкур дар заминаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– пешниҳоди алгоритмҳои амалисозандаи марҳилаҳои татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;

– роҳҳои такмилдиҳӣ ва самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ;

– коркарди тавсияҳои методӣ ва умумӣ оид ба татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ дар шароити мавҷудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ.

Дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аз ***усулҳои таҳқиқотии*** таҳлили системавӣ, хулосабарории илмӣ, арзёбиҳои экспертӣ, таснифӣ, мушоҳидавӣ, муқоисавӣ, назарсанҷӣ, муҳтавоӣ, мусоҳибавӣ, пурсишҳои коршиносӣ ва дар раванди асосноккунии муқаррароти назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо аз афзору воситаҳои сохторию функсионалӣ, субъектию объектӣ, усулҳои маърифатии иқтисодию оморӣ ва сотсиологӣ истифода шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бар асоси методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, принсипҳои амсиласозӣ ва бо такя ба маҷмуи усулҳои назариявӣ ва эмпирикии мутобиқ ба мавзуъ, ҳадаф ва масъалаҳои таҳқиқот пойбарҷо мебошад. Дараҷаи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва хулосаву тавсияҳои дар он шаклгирифта зимни арзёбии шароит ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, назарсанҷиҳо, экспериментҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва вебинарҳо, тасдиқи нуктаҳои дар фарзия пешниҳодшуда, омезиши комплекси усулҳои мувофиқ ба масъалаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ва нашри маводи илмии таҳқиқот муайян карда шудаанд.

1. Ҷанбаҳои (муқаррароти) назариявӣ оид ба ташаккулёбии низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ ҳамчун заминаи сифати таълими муназзам дар мактаби олӣ бар пояи ҳамгироии зичи сифати низоми таҳсилот, равандҳои таълимӣ ва натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ бо назардошти истифодабарии васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсади таъмини сатҳи баланди рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ аниқ карда шудаанд.

2. Дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи назария ва амалияи муосири раванди ташаккулёбии низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ бори

нахуст дар шароити иқтисодиёти бозорӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дар шакли мукаммал тамоюлҳои рушд ва самтҳои такмили идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ муайян карда шуда, афзорҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ, таҳқиқӣ ва идоракуние, ки татбиқи афзалиятноки механизмҳои таъмини сифати хизматрасониҳои таълимиро дар асоси худтанзимкунӣ кафолат медиҳанд, таҳия карда шудаанд.

3. Дар асоси таҳлили вазъи кунунии соҳаи маориф дар Тоҷикистон:

– ба ҳолати имрӯза ва тамоюлҳои рушди соҳа аз лиҳози иттилоотонии васеи он ва беҳдошти сатҳи рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ баҳои комплексӣ дода шудааст;

– тамоюлҳои асосии рушди хизматрасониҳои таълимӣ дар донишгоҳҳои кишвар ва вазифаҳои асосии раванди иттилоотонии васеи соҳаи таҳсилот ҳамчун раванди ҳамгирой ва пайванди ҷузъҳои таркибии низоми ягонаи таълимӣ-методӣ-техникӣ-технологӣ-кадрии муассисаҳои таҳсилотӣ ошкор карда шудаанд;

– номувофиқатии байни сатҳи технологияҳои таълимӣ ва натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва вобастагии ҷиддии сатҳи самаранокии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ аз дараҷаи пайванди имкониятҳои ТИК бо нерӯи илмӣ-педагогии муассисаи таҳсилотӣ муайян карда шудаанд.

4. Арзёбии сифати раванди таҳсилот аз лиҳози ҳамгироии унсурҳои натиҷаҳо, сифат ва самаранокии таҳсилот, таъсири маҷмуи омилҳои беруна ва дохилӣ ва зарурати ташаккулёбии бозори мукаммали хизматрасониҳои таҳсилотии электронӣ бо назардошти мавқеи иштирокчиёни асосии раванди таълим иҷро карда шудааст.

5. Дар натиҷаи таҳлили бахши хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ:

– амсилаи равандҳои асосии низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ (идоракунӣ, таълимӣ, иловагӣ) ва қисматҳои таркибии он бо назардошти андозаи талаботи мизоҷон ва қонеъгардонии онҳо таҳия карда шудааст;

– гурӯҳҳои асосии равандҳои бо ҳам алоқаманди хизматрасониҳои таълимӣ ва қисматҳои таркибии онҳо бо мақсади татбиқи рисолат, шаклгирии ҳадафҳои асосӣ ва сохтори ташкилии низоми таҳсилоти олӣ ҷудо карда шудаанд;

– афзалиятҳои асосии усули равандгарои идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ ҷудо карда шуда, самараҳои мултипликативии ҷорисозӣ ва татбиқи низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аниқ карда шудаанд.

6. Зарурати мутобиқсозии принсипҳо ва усулҳои низоми «идоракунии умумии сифат» (total quality management – TQM) ба соҳаи хизматрасониҳои таълимӣ дар бозори дохилӣ аз рӯи меъёрҳои банақшагирии сифат, барқарорсозии робитаҳои сифат, назорати сифат ва такмили параметрҳои сифат бо пешниҳоди хусусиятҳои бештар умумии хизматрасониҳои

таълимӣ ва меъёрҳои (талаботҳои) интизории иҷрокунандагон ва истеъмолкунандагони онҳо асоснок карда шудааст.

7. Нақшаи намунавии инфрасохтори иттилоотии шабакаи компютерии маҳаллии донишгоҳӣ бар пояи таъсиси маркази махсуси технологияҳои иттилоотӣ ва бунёди маҷмуи синфхонаҳои компютерии махсусгардонидашудаи бисёрфунксионалӣ бо андозагириҳои худкори нишондиҳандаҳои сифати раванди таҳсилот пешниҳод карда шудааст.

8. Бар пояи амсилаҳои якпараметра (Г. Раша) ва бисёрпараметра (А. Бирнбаум) алгоритми раванди мутобиқшавии донишҷӯ ба тартиби тестии компютерӣ бо аниқсозии расмиёти татбиқи он таҳия карда шуда, сатҳу сифати қобилиятҳои зеҳнии донишҷуён ва душвории дарки супоришҳои тестӣ баҳогузорӣ карда шудаанд.

9. Самтҳои асосии беҳдошти сатҳи хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳолатҳои зерин асоснок (пешниҳод) карда шудаанд:

– такмили сохтори идоракунии низоми таҳсилот дар мактабҳои олӣ, ки бар пояи оптимизатсияи (беҳтар гардонидани) усулҳои (нақшаҳои) истифодабарии захираҳои иттилоотӣ гузошта шудааст, имконият медиҳад, ки сатҳи иттилоотонии соҳа ва самаранокии пешниҳоди хизматрасониҳои таълимӣ дар ҳамаи зинаҳо (сатҳҳо) максималӣ гардонида шаванд;

– таҳияи амсилаи оптимизатсионии истифодабарии захираҳои иттилоотӣ бар пояи пешниҳоди вариантҳои рушди соҳаи таҳсилот ва ҳисоббарориҳои дурнамои рушди соҳаи хизматрасонии таълимӣ барои давраи то соли 2025;

– ҳисобкунии самаранокии иқтисодӣ аз татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаи беҳдошти хизматрасониҳои таълимӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар он аст, ки:

– асосҳои назариявии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ба низом дароварда шуда, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ рушди минбаъдаи худро пайдо намудаанд;

– як қатор хусусиятҳои раванди иттилоотонии низоми таҳсилоти олии касбӣ ба хотири баррасии таҳлили ҷанбаҳои назариявии раванди мазкур ва муайянсозии оқибатҳои манфӣ ва мусбати пайомадҳои он ошкор карда шудаанд;

– барои низоми таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ байни сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва сатҳи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ вобастагии ногусастанӣ муқаррар карда шудааст;

– муқаррарот ва натиҷаҳои илмии таҳқиқот метавонанд дар таҳия ва такмили барномаҳои курсҳои асосӣ ва махсуси таълимии «Назарияи иқтисод», «Менеҷмент», «Идоракунии сифати маҳсулот», «Иқтисоди бахши ҷамъиятӣ», «Иқтисодиёти маориф», «Амсиласозии равандҳои иқтисодӣ», «Баҳисобгирии муҳосибӣ», «Таҳлили компютерии фаъолияти корхонаҳо»,

«Автоматикунонии фаъолияти корхонаю муассисаҳо», «Информатикаи иқтисодӣ» ва ғайра ҳамчун заминаи назариявӣ хизмат кунанд;

− аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои назариявӣ, усулҳо, равишҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун афзори методии таҳлили мушкилоти рушди соҳаи маориф, воситаи пешгӯӣ ва танзими рушди низоми таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд ва сиёсати давлатиро бо таъминоти иттилоотии идоракунии сифати таҳсилоти олии касбӣ ҳамоҳанг созанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсионӣ метавонанд дар раванди такмили усулҳо ва принсипҳои асосии сиёсати давлатии иттилоотонӣ дар кишвар, асосноккунӣ ва баланд бардоштани самаранокии қарорҳои қабулшавандаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун тавсияҳои методӣ хизмат намоянд.

Аз онҳо, инчунин, дар коркарди минбаъдаи принсипҳои танзими фаъолияти системаҳои иттилоотии идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот*** дар мустақиман иштирок намудан дар масъалагузориҳои илмӣ ва эътимоднокии ҳалли натиҷаҳои онҳо, гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ ва эксперименталӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои компютерӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастӣ, шахсан навиштан ва ба нашр расонидани натиҷаҳо ва муҳтавои асосии диссертатсия ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ягонагии дохилӣ ва робитаҳои байниҳамдигарии худ дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳои консептуалию компютерӣ, ки фарогири равишҳои иқтисодии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти олии касбианд, метавонанд дар рушди назария ва амалияи илми иқтисодиёт васеъ истифода шаванд.

**Интишорот ва таъйиди натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 61 мақолаи илмӣ ва интишороти гуногун, аз ҷумла 12-адад монографияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳо ва дастурҳои таълимию методӣ, 31-адад мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 19-адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Тоҷикистон (7-адад дар алоҳидагӣ) ба нашр расонида шуда, боқимондаро мақолаҳои дар нашрияҳои шомили пойгоҳи eLIBRARY.ru, маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил додаанд. Натиҷаҳои мазкурро, ки бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқот ва дарунмояи диссертатсияро инъикос мекунанд, дар рушди тафаккури техникии ҷавонон босамар истифода бурдан мумкин аст.

Раванди санҷиш ва татбиқи натиҷаҳои мавзӯи таҳқиқот амалан дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (солҳои 2017-2023) гузаронида шудааст. Баррасӣ, муҳокима, санҷиш ва татбиқи натиҷаҳои асосии диссертатсионӣ дар шакли рӯнамоӣ ва маърӯзаҳои илмӣ дар семинарҳои кафедраҳои технологияҳо ва системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи

байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ДБССТ), информатика ва системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ), системаҳо ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ) ва кафедраи низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат (КОВ) дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (солҳои 2004-2021) иҷро шуда, дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ, ки солҳои 2005-2022 дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Бохтар, Хӯҷанд (Ҷумҳурии Тоҷикистон), Занҷон (Ҷумҳурии Исломии Эрон), Санкт-Петербург, Москва, Калининград (Федаратсияи Россия), Боку (Ҷумҳурии Озарбойҷон), Ереван (Ҷумҳурии Арманистон) ва Тошканд (Ҷумҳурии Ӯзбекистон) баргузор гардидаанд, ба тасвиб расидаанд, аз он ҷумла: конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Масоили мубрами математика ва таълими он» бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии д.и.п., профессор А.Э. Сатторов (Бохтар, ДДБ, 2020), конференсияи илмӣ-назариявӣ «Нақши ҷавонон дар ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба «Соли ҷавонон» ва 25-солагии иҷлосияи XVI Шӯрои олӣ (Ваҳдат, КОВ, 2017), конференсияи илмӣ-назариявӣ «Нақши ҷавонон дар рушди кишвари саноатию аграрӣ» бахшида ба «Соли ҷавонон» ва «20-солагии Ваҳдати миллӣ» (Ваҳдат, КОВ, 2017), конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида «700-солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва 10-солаи байналмилалии «Об барои ҳаёт» (2005-2015) (Душанбе, ДМТ, 2015), конференсияи ҷумҳуриявӣ «Проблемаҳои муосири математикаи амалӣ ва информатика» бахшида ба 70-солагии профессор Б. Алиев (Душанбе, ДМТ, 2014), конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ «Рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, ДСХ, 2013), конференсияи IX байналмилалии «Таҳлили компютерии проблемаҳои илм ва технология» бахшида ба 65-солагии ДМТ (Душанбе, ДМТ, 2013), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Проблемаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ» (Душанбе, ДСХ, 2013), конференсияи байналмилалии «Проблемаҳои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳрони молиявии ҷаҳонӣ» (Душанбе, ДСХ, 2010), International Conference IICM2009 «New educational tecnologies – ground for advance teaching» (Iran, Zanjan, 2009), конференсияи VIII илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Ҷавонон ва ҷаҳони андеша» бахшида ба 2700-солагии шаҳри Кӯлоб (Кӯлоб, ДДК, 2006), конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Амсиласозии математикӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ» (Душанбе, ДСХ, 2005) ва ғайра.

**Хулосаи умумии ҷаласа.** Диссертатсияи доктории Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» кори илмии баанҷомрасида буда, ба ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09

– Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) пурра мувофиқат мекунад.

**ҚАРОРИ ҶАЛАСА**

1. Диссертатсияи доктории Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба тамоми талабот ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад ва ба пуррагӣ аз рӯйи талаботи бандҳои шиносномаи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) омода гардидааст.

2. Матни диссертатсия аз таҳқиқоти мустақилонаи илмию тахассусӣ ва соҳавӣ иборат буда, маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуаллифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии от тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.

3. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва экспериментали, ки дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифтаанд, хеле созгор мебошад.

4. Ҳадафи таҳқиқот аз такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи маориф ва пешниҳодоти тавсияҳои мушаххас оид ба асосноккунии самтҳои асосии беҳдошти сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ иборат мебошад, ки онҳоро дар амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) босамар истифода бурдан мумкин аст.

5. Диссертатсияи доктории З.Ф. Раҳмонзодадар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи ихтисосҳои: 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеъ ва муштараки кафедраҳои «Система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт», «Информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт», «Иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ» ва «Иқтисоди рақамӣ ва логистика»-и ДДМИТ аз 7 апрели соли 2023, протоколи № 04/1 бо иштироки мутахассисони даъватшуда қабул гардидааст.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 60 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 7 нафар доктори илм, 27 нафар номзади илм ва доктори фалсафа (PhD), 26 нафар омӯзгори калон ва ассистентон.

Аз ҷумла бо ҳуқуқи овоздиҳӣ: 37 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**

«тарафдор» – 37 нафар, «зид» – нест, «бетараф» –нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи № 04/1 аз 7.04.2023.

**Раиси ҷаласа,**
н.и.и., дотсент, муовини
ректори ДДМИТ оид ба илм Б.Г. Сафаров

**Котиби ҷаласа,**
н.и.и., дотсент, мудири
кафедраи системаҳо ва
технологияи иттилоотӣ
дар иқтисодиёти ДДМИТ М.Н. Нусратзода

Имзоҳои Сафаров Б. Г. ва Нусратзода М.Н.-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДМИТ н.и.ҳ. Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроға:**
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
к. Нахимов 64/14, ДДМИТ
Тел: +992(37) 2310201
E-mail:info@ddmit.tj